# ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

30 декабри соли 2025 ҷаласаи навбатии ҳайати Шурои олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳти роҳбарии директори муассиса Сироҷиддин Ниёзӣ баргузор гардид. Дар ҷаласа масъалаҳои муҳими фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва ташкилии Пажӯҳишгоҳ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Аз ҷумла, ҳисобот оид ба фаъолияти Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ дар соли 2025 ва вазифаҳо барои соли 2026 аз ҷониби муовини директор оид ба илм ва инноватсия О. Маҳмудзода пешниҳод гардид. Дар рафти баррасӣ зикр гардид, ки фаъолияти Пажӯҳишгоҳ дар соли 2025 бештар ба таҳлили амиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи маориф, такмили мундариҷаи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ, инчунин ба густариши таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ ва таҳкими низоми омодасозии кадрҳои илмӣ равона гардидааст. Ҳамчунин натиҷаҳои фаъолияти шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ вобаста ба рафти аттестатсияи докторантон (PhD), унвонҷӯён ва докторантони анъанавӣ шунида шуд. Дар ҷараёни ҷаласа нақшаҳои кории Пажӯҳишгоҳ, Шурои олимон ва сохторҳои он барои соли 2026 баррасӣ ва тасдиқ гардиданд. Илова бар ин, ҳисоботи бахши робитаҳои байналмилалӣ ва шуъбаи кадрҳо оид ба фаъолияти соли 2025 мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар масъалаҳои ҷории рӯзномаи ҷаласа ба баррасӣ ва тасдиқи мавзуъҳои рисолаҳои илмӣ ва таъини роҳбарони илмии унвонҷӯён бахшида шуд. Аз ҷумла, мавзуъҳои рисолаҳои докторӣ ва номзадии як қатор унвонҷӯён тасдиқ гардида, роҳбарони илмии онҳо таъин карда шуданд. Инчунин Шурои олимон дастури таълимӣ-методии Х. Раҳимзода барои фанни «Маърифати оиладорӣ» бо назардошти пешниҳоди муқарризон пас аз ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта тасдиқ гардид. Дар анҷоми ҷаласа қарорҳои дахлдор қабул гардида, назорати иҷрои онҳо ба зиммаи муовини директор оид ба илм ва инноватсия гузошта шуд.

